**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА 012 дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2 )**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 -Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Дар низоми муносибатҳои бозорӣ рушди соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти иқтисодиёти миллии кишвар яке аз самтҳои асосиро ишғол намудасст, ки он ҳисоб меравад, ки барои рушди рақобатпазирӣ, ғанӣ гардонидан ва қонеъ кардани бозори истеъмолӣ бо молу маҳсулот ва хизматрасонӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла рушди соҳибкории инфиродӣ аҳамияти муҳимро касб намудааст.

Аз ин рӯ, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ «Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» хеле мубрам ва муҳим мебошад.

Дар автореферат моҳияти соҳибкорӣ, соҳибкории инфиродӣ ва хусусиятҳои рушди он шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Муаллиф ба муаммоҳои рушди соҳибкории инфиродӣ диққати махсус дода, бо воситаи гузаронидани назарсанҷӣ ин муаммоҳоро ошкор намудааст. Дар асоси маълумотҳои оморӣ дар автореферат шумораи субъектҳои соҳибкорӣ, шумораи захираҳои меҳнатӣ, даромад аз фурӯши маҳсулот, сохтори корхонаҳои хурд аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Аз рӯи натиҷаҳои таҳлил барои рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф пешниҳод кардааст, ки ба истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба механизми дастгирии давлатӣ диққати ҷиддӣ дода шуда имкониятҳои рушди он дар ҷумҳурӣ амалӣ карда шавад. Инчунин, барои рушди босуръати соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили таъмини устувори рушди иқтисодӣ ва дараҷаи некуаҳволии мардум аз тарафи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои муфид таҳия карда шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки муҳтавои автореферат дар худ ҳамаи унсурҳои зарурии сохтори диссертатсияро фарогир буда, аз рӯи таҳлили он хулоса баровардан мумкин аст, ки мазмуну мундариҷаи он ба мавзӯи интихобшуда мувофиқ мебошад. Навгониҳои илмии дар автореферат овардашуда ба таҳияи муқаррароти назариявӣ, методӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки ба рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ равона гардидааст, асос ёфтааст.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, таклифу пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф, автореферат дорои камбудиву зерин мебошад:

1. Дар расми 1.муаллиф масоили рушди соҳибкории инфиродиро таҳия намудааст, аммо хусусиятҳои онҳоро тавзеҳ надодааст?
2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, новобаста ба камбудиҳои ҷойдошта, автореферати диссертатсия ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Сафаров Ҷовидон Азизмадович барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 -Иқтисодиёти соҳибкорӣ) арзанда мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо**
**ва соҳибкории ДДМИТ** **Нуриддинов С.З.**

***Имзои Нуриддинов С.З. – ро тасдиқ менамоям.***
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ